«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________________
«07» ____07_______ соли 2025

# ПРОТОКОЛИ № 9

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 03 июли 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиб: Насриддинзода С.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзозода Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., н.и.ҳ., Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лабаранти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур докторант Юсуфзода Фаридун Асадулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар

ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз масъалаҳои муҳим дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ қайд кардан ба маврид аст, ки доғи судӣ марҳилаи ниҳоии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ буда, мустақиман бо шахсияти маҳкумшуда ва вазъи ҳуқуқии ӯ алоқаманд мебошад. Ин ҳолати ҳуқуқӣ ба мавқеи иҷтимоии шахс таъсири зиёд расонида, нақш ва мавқеи минбаъдаи ӯро дар ҷомеа муайян мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи моҳияти ҳуқуқӣ ва паҳлӯҳои иҷтимоии доғи судӣ зарур аст, зеро фаро расидани он оқибатҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меорад, ки метавонанд ба ҳаёти минбаъдаи маҳкумшуда таъсири назаррас дошта бошанд.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи масъалаҳои вобаста ба пайдоиш ва қатъи доғи судӣ ба таври кофӣ танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд. Дар шароити ислоҳоти мунтазами низоми ҳуқуқии Тоҷикистон меъёрҳои марбут ба институти доғи судӣ ба таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи илмӣ эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, як қатор масъалаҳои алоҳидаи вобаста ба ин институт, ки қаблан дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор нагирифта буданд, асосноккунии назариявиро талаб менамоянд, зеро бори аввал онҳо танҳо дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 дар боби 13 таҳти унвони «Авф. Бахшиши ҷазо. Доғи судӣ. Сафедкунӣ.» ба таври махсус ҷудо шудаанд.

Маҳкум намудани шахси ҷинояткор фарорасии оқибатҳои манфиро барои ӯ дар назар дорад, ки дар маҳдуд кардан ё маҳрум кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муайяни ӯ ифода меёбад. Чунин оқибатҳо на танхо натиҷаи иҷрои ҷазо мебошанд, балки аз мавҷудияти институти ҳуқуқии махсус - доғи судӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Доғи судӣ то имрӯз ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, моҳият ва мазмуни худро дорад, ҳамчунин функсияҳо ва вазифаҳои муайянро иҷро мекунад.

Бо вуҷуди ин, доғи судӣ падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, пеш аз ҳама бо вазъи ҳуқуқии шахс алоқаманд аст, ки дар бисёр маврид мавқеъ ва нақши иҷтимоии ӯро дар ҷомеа муайян мекунад. Азбаски доғи судӣ мақоми ҳуқуқии шахсиятро то як андоза маҳдуд мекунад, як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он ба таҳқиқи амиқ ниёз доранд. Мутаассифона, аз рӯи бисёр ҷанбаҳои доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ равиши ягонаи асоснок ва қобили қабул вуҷуд надорад. Масалан, дар назария ба таърифи доғи судӣ, моҳияти он равишҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар навбати худ, ин ҳолат ба вазъи қонунгузории танзимкунандаи

татбиқи доғи судӣ таъсири манфӣ расонида, ба мухолифати меъёрҳо оид ба доғи судӣ сабаб мегардад.

Доғи судӣ бевосита бо иҷрои ҷазо, мутобиқшавии шахсони адонамудаи ҷазо ҳамчун масъалаи мураккаб ва гуногунҷабҳа робита дошта, маҷмӯи масъалаҳои ахлоқию равонӣ ва амалии марбут ба мутобиқшавии шахсиятро дар бар мегирад.

Яке аз ҳадафҳои асосии институти доғи судӣ истифода бурдани он дар мубориза бар зидди ҷинояткории ретсидивӣ мебошад. Ҷинояткории ретсидивӣ ба маънои муайян «ҷавҳар»-и тамоми ҷинояткорӣ мебошад, зеро сухан дар бораи доираи ҷинояткорон меравад, ки ба арзишҳои ахлоқии ҷомеа, волоияти қонун муқобилат мекунанд ва шахсони дигарро ба ҷиноят ҷалб мекунанд. Ба фаъолияти ҷинояткоронаи ретсидивҳо аксар маврид шиддатнокии махсус, хавфи ҷамъиятии суиқасдҳои ҷиноятӣ, вазнинии окибатхо (аз ҷумла зарари умумии дар натиҷаи чандкарата содир намудани ҷиноят расонидашуда), муқовимат бо кушодани ҷиноят хос мебошанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо зарурати такмил мукаммал додан ва ҷустуҷӯи воситахои нави мубориза алайҳи ҷинояти ретсидивиро муайян мекунанд. Шӯбҳае нест, ки дар мубориза ба муқобили ретсидив институти доғи судӣ нақши пешбарро иҷро мекунад.

Дар айни замон доғи судӣ аҳамияти худро гум накардааст. Аз сабаби мураккабии худ, доғи судӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ифода меёбад.

Институти доғи судӣ дар ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии давлат, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Гуногун будани функсияҳои доғи судӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, моҳият ва мақсади он пурра ошкор нашудааст.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., Сатторов Ғ.С., ва н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ба докторант Юсуфзода Фаридун Асадулло саволхо дода шуд, ки ба онхо ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии докторант, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., суханронӣ намуда, иброз дошт, ки докторант қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори

анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., ва н.и.ҳ. дотсент Камолов З.А. баромад намуда, ба докторант тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми докторантро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Юсуфзода Фаридун Асадулло муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 5 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохили донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Юсуфзода Фаридун Асадулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 03 июли соли 2025 №9 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«03» 07 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj